# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи “Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - “Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит”**

Исоев Диловарҷон Талисович соли 2007 ба ихтисоси молия ва қарзи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд дохил шуда, соли 2012 бо дипломи аъло хатм намудааст. Фаъолияти худро соли 2012 ба ҳайси коромӯзи кафедраи молия ва қарзи донишкадаи номбурда оғоз намуда, аз соли 2015 то инҷониб ба ҳайси омузгори калони кафедра кору фаъолият мебарад.

Исоев Д.Т. аз аввали фаъолияти омузгорӣ бо корҳои илмӣ машғул шуда, таҳқиқоти диссертатсиониро мустақилона анҷом додааст. Дар рафти фаъолият ӯ қобилияти эҷодӣ, дониши хуб, малакаи касбӣ дар соҳаи таҳқиқот, масъулият, ташаббускорӣ, маҳорати хуби муҳокимаи натиҷаҳои илмӣ, суботкорӣ ва масъулияти баландро нишон додааст. Бо ҷустуҷӯ, интихоб, омӯзиши корҳои илмӣ, ҳисобукитоб ва таҳлили маълумот, омодасозии маводи илмӣ барои нашр ба таври мустақил ва софдилона машғул шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исоев Диловарҷон Талисович дорои сохтори мантиқӣ, натиҷа ва навгониҳои илмӣ буда, аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян карда шуда, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда оварда шудааст.

Дар боби якум - “Асосҳои назариявии таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити муосир” моҳияти СБҲМ ва нақши он дар рушди бонкҳо, танзими меъёрӣ-ҳуқуқии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявии бонкҳо, ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди ҳисоботи молиявии бонкҳо мувофиқи СБҲМ баррасӣ шудаанд.

Дар боби дуюм - “Арзёбии вазъи муосир ва таъминоти методии таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” вазъи муосири рушди низоми бонкӣ ва низоми ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо, хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирӣ ва ташаккули ҳисоботи молиявии бонкҳо, методикаи тартиб додани ҳисоботи молиявии маҷмуии бонкҳо тибқи СБҲМ мавриди арзёбӣ ва таҳия қарор дода шудааст.

Дар боби сеюм - “Самтҳои асосии рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо” такмили асосҳои ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо, амсилаҳои муосири баҳодиҳӣ ба саҳеҳият ва сифати ҳисоботи молиявии бонкҳо дида баромада шуда, тавсияҳо доир ба баланд бардоштани имкониятҳои таҳлилии ҳисоботи молиявии бонкҳо пешниҳод гардидаанд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст.

Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсияи Исоев Д.Т. дар 16 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр карда шудааст. Муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар конференсияҳои илмии сатҳи байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ маъруза намудааст.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф раванди ташаккул ва таҳияи ҳисоботи молиявии бонкҳоро омӯхта, методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуииро коркард ва самтҳои рушди таъминоти ташкилию методии ҳисоботи молиявии бонкҳоро таҳия намудааст. Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои истифода ба бонкҳо пешниҳод шуда, оид ба татбиқи паҳлуҳои он санад гирифта шудааст.

Диссертатсияи Исоев Д.Т. таҳқиқоти илмии баитмомрасида буда, фарогири масъалаҳои муҳими соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия доираи таҳқиқоти мавҷударо дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ васеъ намуда, метавонанд ба пояи низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи бонкҳо бо мақсади таъмини рушди самараноки бахши бонкӣ ворид карда шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба такмили таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо ва роҳҳои баланд бардоштани шаффофияти иттилооти он ифода мeёбад. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои методию амалии диссертатсия метавонанд дар фаъолияти бонкҳо, ташкилотҳои аудиторию консалтингӣ истифода бурда шаванд.

Ба ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Исоев Д.Т. дар мавзуи "Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - "Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267, тағйиру иловаҳо тибқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295) ҷавобгӯ буда, барои гузаштани экспертиза ва ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бобоев М.У.

18.01.2024

**Имзои М.У. Бобоев-ро тасдиқ мекунам:**

Мудири шуъбаи кадрҳои ДПДТТ ба номи
академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Ёқубова М.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО